ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҷураев Шоҳрух Неъматович дар мавзуи "Механизми ташкилӣ - иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ).

Ҷураев Шоҳрух Неъматович 04 марти соли 1979 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 1997 ба Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ дохил шуда, соли 2002 донишкадаи мазкурро бо ихтисоси "умури гумрук" хатм кардааст. Дар солҳои минбаъда дар вазифаҳои гуногуни таълимӣ, идоракунӣ ва ташкилӣ дар муассисаҳои таълимӣ фаъолият намудааст. Аз ҷумла, солҳои гуногун муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ҳамчун ассистенти кафедра, ёрдамчии ректор, сардори шуъбаи умумӣ, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ва омӯзгори калони кафедра фаъолият кардааст. Аз 1 апрели соли 2020 то ҳол дар вазифаи сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва ҳамзамон ба ҳайси ҳамкори дохила, омӯзгори калон дар кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи мазкур кор мекунад. Айни замон ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон буда, аз рӯйи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) фаъолияти илмию таҳқиқотӣ намуда истодааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб), фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон супорида шуд.

Диссертатсияи Ҷураев Шоҳрух Неъматович дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ» натиҷаи кори тӯлонӣ буда, таҳқиқоти мустақилона ва анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад. Мавзуи рисола ба зарурати такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ бахшида шуда, дорои аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Ин масъала дар шароити таҳаввулоти иқтисодиёти миллӣ, густариши муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, ҷалби сармоягузорӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ таваҷҷуҳи хосаи илмию амалиро ба худ ҷалб менамояд.

Махсус қайд кардан зарур аст, ки дар диссертатсия асосҳои назариявию методологии ташаккул ва татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ, моҳияти иқтисодӣ, хусусиятҳо ва таснифи онҳо, инчунин нақши чунин имтиёзҳо дар низоми танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф дар асоси таҳлили равишҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ таърифи муаллифии мафҳуми «имтиёзҳои гумрукӣ»-ро пешниҳод намуда, таснифи онҳоро бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодӣ, шаклҳои татбиқ ва самтҳои таъсиррасонӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ асоснок намудааст.

Ҷураев Шоҳрух Неъматович дар як қатор конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, корҳои илмияшро оид ба натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА нпзди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расонидааст.

Дар раванди таҳияи диссертатсия Ҷураев Шоҳрух Неъматович худро ҳамчун таҳқиқотчии фаъол ва мустақил муаррифӣ намуда, аз адабиёти илмию назариявии ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маводи таҳлилӣ ба таври васеъ истифода бурдааст.

Теъдоди корҳои нашршудаи муаллиф, ки дар давоми фаъолияташ таҳия шудаанд, аз доираи фаъолияти илмию таҳқиқотии ӯ дарак медиҳанд. Аз рӯйи маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф 15 мақолаи илмиро ба нашр расонида, аз ҷумла, 7 мақолаи илмиро дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда интишор намудааст. Ин нишондиҳанда аз инъикоси натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар муҳити илмӣ ва иштироки фаъоли довталаб дар муҳокимаи дастовардҳои илмӣ шаҳодат медиҳад.

Сарфи назар аз мавҷудияти корҳои зиёди таҳқиқотие, ки ба масъалаҳои танзими гумрукӣ ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ бахшида шудаанд, довталаб дар назди худ ҳадафи муҳимми илмиро гузошта, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Навгониҳои илмии пешниҳодгардида ва таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои мавриди омӯзиш аз муносибати мустақилонаи муаллиф ба ҳалли масъалаи таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳанд.

Сифати мусбати кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки муаллиф таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва Иттиҳоди Аврупоро дар самти пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор додааст. Дар ин замина, имкониятҳои истифодаи механизмҳои рақамикунонии расмиёти гумрукӣ, татбиқи принсипи «равзанаи ягона», содагардонии барасмиятдарории гумрукӣ, қабули қарорҳои пешакӣ ва ҷорӣ намудани мақоми оператори ваколатдори иқтисодӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ асоснок карда шудаанд.

Дар баробари ин, муаллиф вазъи муосири пешниҳоди имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва таъсири онҳоро ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси нишондиҳандаҳои оморию иқтисодӣ таҳлил намудааст. Аз ҷумла, динамикаи ҳаҷми имтиёзҳои гумрукӣ, сохтори баҳрабардорони онҳо, самтҳои асосии воридоти имтиёзнок ва таъсири имтиёзҳо ба фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд.

Мавриди таҳлил қарор гирифтани масъалаҳои истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ҷанбаҳои муҳими таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Муаллиф нақши низоми имтиёзнокро дар ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, рушди иқтидорҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва густариши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муайян намуда, аҳаммияти онро дар рушди иқтисодии минтақаҳо асоснок кардааст.

Яке аз натиҷаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳияи Стратегияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад. Стратегияи мазкур ба ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ, баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна ва тақвияти иқтидори содиротии кишвар равона гардидааст. Ҷиҳати муҳимми пешниҳоди мазкур дар он ифода меёбад, ки муаллиф зарурати гузариш аз

пешниҳоди умумии имтиёзҳо ба механизми ҳадафноки дастгирии соҳаҳои дорои иқтидори баланди истеҳсолӣ ва содиротиро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудааст.

Дар раванди иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф доираи васеи сарчашмаҳои илмии ватаниву хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маводи оморию таҳлилиро ҳамаҷониба омӯхтааст. Бо такя ба истифодаи усулҳои таҳлили мантиқӣ, муқоисавӣ, сохторӣ, динамикӣ, оморӣ, графикӣ, экспертӣ ва моделсозии иқтисодӣ хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии асоснок таҳия гардидаанд, ки барои такмили механизмҳои танзими гумрукӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Аз ин ҷиҳат, натиҷаҳои арзишманди таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳи он мебошанд, ки унвончӯ на танҳо ба омӯзиши мавзуи таҳқиқот таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст, балки дорои донишҳои амиқи назариявӣ, қобилияти таҳлили мустақилонаи масъалаҳои мураккаби иқтисодӣ ва маҳорати зарурии касбӣ мебошад.

Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба ҳадваф ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ буда, натиҷаҳои бадастомада асоснок ва эътимодбахш мебошанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҷураев Шоҳрух Неъматович дар мавзуи “Механизми ташкилӣ - иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ” рисолаи мустақилона, мукаммал ва дар мавзуи мубрам иҷрошуда ба ҳисоб рафта, дорои унсурҳои навгонии илмӣ ва аҳамияти илмию амалӣ мебошад. Диссертант ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) тавсия мегардад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
сардори Раёсати рушди стратегӣ ва
идоракунии сифати ДБССТ Валиев Н.Ш.

Суроға: ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ,
3 гузаргоҳ, кӯч. Н. Қарабоев 7
Тел.: (+992) 551-86-75-75
E-mail: Nizomiddin_valiev86@mail.ru

Имзои Валиев Н.Ш. – ро тасдиқ менамоям.

Муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Ташева М.Ф.